Хулосаи

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-005 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи унвонҷӯ Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст.

1. Диссертатсияи Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» бахшида шуда, мубрам ва дорои аҳамияти илмӣ мебошад. Хулосаҳои таҳқиқот барои илми таърихнигории навгонии илмӣ маҳсуб мешаванд. Натиҷагириҳо, хулосаҳо ва пешниҳодоти муаллиф паҳлӯҳои мухталифи саҳми Ҳақназар Назаровро дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон, дар бар мегирад, ки дар шароити муосир мубрам мебошад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Муаллиф бори аввал дар илми таърихнигории ватанӣ мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон»-ро бо истифода аз сарчашмаҳои боэътимод ва осори муҳаққиқони тоҷик, Шӯравӣ, ғарбӣ ва маводи бойгонӣ, инчунин тавассути мусоҳибаҳо бо шогирдон, дӯстон ва аҳли хонаводаи устод мавриди арзёбӣ ва таҳқиқ қарор додааст.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.09.-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ки аз рӯи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 6-уми марти соли 2019, таҳти №46 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя

дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин тадқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

4. Аз рӯи мавзӯи рисола муаллиф 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Дар интишороти зикршуда натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф зикр шудаанд. Теъдоди мақолаҳои чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ аст.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қодиров Д.С. ҳолати бидуни иқтибос ё маъхаз истифода шудани матолиб ва мавод мушоҳида намешавад. Маъхаз ва нишонии ҳамаи иқтибос, сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда, нишон дода шудааст ва муаллиф дар тартиб додани дастгоҳи илмии рисолаи диссератсионӣ талаботи банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)-ро риоя намудааст.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Қодиров Д.С. маълумоти носаҳеҳ мавҷуд намебошад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ,

ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-005-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Латифов Ҷӯра Латифович, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Раҳматов Исмоил,- номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия;
- Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таъйин карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

3. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои таърих, академики АИ ҶТ Ёқубов Ю.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои таърих, профессор Саидов А.
доктори илмҳои таърих, профессор Муҳиддинов С.Р.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶТ Файзуллоева Г.